**СТРАТЕГИЯИ ФАЪОЛИЯТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК БАРОИ СОЛҲОИ 2018 - 2020**

**Мундарича**


| № | Мавзӯъ | Саҳифа |
|---|---|---|
| **1** | Муқаддима | |
| **2** | БОБИI. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| **3** | БОБИII. Шарҳи вазъи ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир (инклюзивӣ) | |
| **4** | БОБИ III. Интихоби афзалиятҳои стратегӣ | |
| **5** | БОБИIV. Афзалиятҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегӣ | |
| **6** | 2.1. Ҳадафҳо ва вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ барои солҳои 2018-2020. | |
| **7** | 2.2. Натиҷаҳои пешбинигардида | |
| **8** | 2.3. Амалисозии Стратегия | |
| **9** | 2.4. Мониторинг ва баҳодиҳӣ | |
| **10** | 2.5. Нақшаи амалисозии Стратегия барои солҳои 2018-2020 (замима ба Стратегия) | |

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО**

КРТНЗ – Кумита оид ба барҳам додани табъиз нисбат ба занон

КҲК - Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак

КҲИИФ - Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШУД – Шарҳи умумии даврӣ

ВҲИ - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВҲК - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЮНИСЕФ –Хазинаи кӯдакони СММ

ПБҲИИФ - Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

ПБҲШС - Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ

КРШТЗ - Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон

КҲМ - Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон

## МУҚАДДИМА

Соли 2009 мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳифзи давлатии ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мақомоти махсусгардонидашудаи давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон – Ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд.

Соли 2010 Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак зимни баррасии Маърӯзаи дуввуми даврии ҶТ оид ба иҷрои Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ба кишвар тавсия дод, ки “имконияти таъсиси вазифаи олирутбаи Ваҳолатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои амалисозии назорат аз болои иҷрои Конвенсия дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ омӯхта шавад, то ки чунин механизм барои кӯдакон дастрас бошад, барои қабул ва баррасии шикоятҳо дар бораи вайрон шудани ҳуқуқҳои кӯдакон бо дарназардошти манфиатҳои кӯдак ваколатдор бошад ва барои баррасии онҳо бо захираҳои инсонӣ, молиявӣ ва техникӣ таъмин шуда бошад.”[1]

Ба мақсади таҳкими ҳифз ва пешбурди ҳуқуқҳои кӯдак Президенти ҶТ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ дар соли 2015 ба зарурати таъсис додани ниҳоди ВҲК таъкид намуд.

15 марти соли 2016 ба Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Боби нави 5[1] илова карда шуд, ки мутобиқи он вазифаи муовини Ваколадор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Моҳи майи соли 2017 ВҲК бо мусоидати Хазинаи кӯдакони СММ ҷиҳати таҳияи нақшаи стратегӣ барои солҳои 2018-2020 корҳоро оғоз кард. Барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки фаъолияти ВҲК таҳлили вазъ дар самтҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои кӯдак: ҳуқуқ ба таҳсил, адолати судӣ нисбати ноболиғон ва ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият гузаронида шуд. Масъалаҳо барои таҳлил бо дарназардошти афзалиятҳои дар Стратегияи ВҲИ барои солҳои 2016-2020 пешбинишуда, ба монанди ҳуқуқи шахсони

---

[1] [1] Б.13 (С) Қайдҳои хотимавии Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Тоҷикистон. CRC/C/TJK/CO/2. 2010.

маъюбиятдошта, аз ҷумла пешбурди ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон ва ҳуқуқ ба таҳсил интихоб шуда буданд.

Барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки фаъолият ВҲК ва кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки Дастгоҳи ВҲИ таҳлили тавсияҳои СММ нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2016, гузоришҳои ҶТ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мақомоти СММ, ба монанди Шарҳи умумии даврӣ, гузоришҳои даврии ҶТ дар бораи рафти иҷрои КҲК, ПБҲИИФ, ПБҲШС ва КРТШЗ-ро анҷом доданд.

Машваратҳои васеъ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар самти ҳуқуқҳои кӯдакони маъюбиятдошта, дастрасӣ ба таҳсил ва адолати судӣ нисбати ноболиғон фаъолият менамоянд, гузаронида шуданд. Ҳамчунин бо мусоидати ЮНИСЕФ машваратҳо бо Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар маҳалҳо ва инчунин бо ҷавонон гузаронида шуданд.

Дар натиҷа, самтҳои афзалиятноки фаъолияти ВҲК барои солҳои 2018-2020 бо дарназардошти таҳлили вазъи умумии риояи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҶТ ва имкониятҳои мавҷудаи ВҲК таҳия шуданд.

Лоиҳаи стратегия ва нақшаи корӣ бо намояндагони мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар мизи мудаввар санаи 7 июли соли 2017 баррасӣ шуд. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои иштироккунандагони мизи мудаввар ҳангоми таҳияи нусхаи ниҳоии стратегия ба назар гирифта шуданд.

Таъкид кардан муҳим аст, ки ба ғайр аз амалисозии фаъолият дар самтҳои афзалиятнок, ВҲК вазифаҳои асосии худро вобаста ба ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла дар самтҳои мониторинги риояи ҳуқуқҳои кӯдак ва омодасозии маърӯзаҳои солона дар бораи фаъолият, қабул ва баррасии мурочиатҳо вобаста ба вайроншавии ҳуқуқҳои кӯдак ва гузаронидани санҷишҳо, пешбурди ҳуқуқҳо ва манфиатҳои беҳтарини кӯдак ва ҳамчунин таъмини иштироки кӯдакон дар ҳамаи масъалаҳои ташвишовар иҷро менамояд.

## БОБИ I. ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мутобиқи моддаи $32^1$-и Қонуни ҶТ "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳадафи асосии ВҲК ***таъмини эҳтиром, риоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои кӯдак мебошад***.

Ҳангоми амалисозии фаъолияти худ ВҲК ба принсипҳои манъи табъиз, таъмини беҳтарини манфиатҳои кӯдак, ҳуқуқ ба ҳаёт, зиндамонӣ ва рушди кӯдак ва ҳамчунин эҳтироми андешаҳои кӯдак, ки дар КҲК дарҷ шудаанд, такя мекунад.

ВҲК меъёрҳои Конститутсияи ҶТ, КҲК, ПБҲШС, ПБҲИИФ ва дигар санадҳои байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқ инсон, ки аз ҷониби ҶТ ба тасвиб расонида шудаанд, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”, Қонуни ҶТ “Дар бораи маориф” ва дигар қонунҳои ҶТ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро ба роҳбарӣ мегирад.

**<u>Вазифаҳои асосии ВҲК</u>**

***Вазифаҳои*** асосии ВҲК аз мусоидат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак; барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи кӯдак, такмили қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак; мусоидат ба ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, ба тасвиб расонидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи мазкур иборат мебошад.

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда ВҲК аз **механизмҳои** зерин истифода мекунад:

- қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон;

- таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ;

- мониторинги ҳуқуқи инсон, таҳлил ва омӯзиши ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқи инсон;

- амалисозии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ;

- ҷамъбаст, таҳия ва пешбурди тавсияҳо ва омодасозии маърӯзаҳои солона.

**<u>Принсипҳои фаъолияти ВҲК</u>**

Ҳангоми амалисозии фаъолияти худ ВҲК ба принсипҳои бунёдии манъи табъиз, таъмини беҳтарини манфиатҳои кӯдак, ҳуқуқ ба ҳаёт, зиндамонӣ ва рушди кӯдак ва ҳамчунин эҳтироми андешаҳои кӯдак такя мекунад, ки дар КҲК дарҷ шудаанд.

ВҲК дар фаъолияти худ ***принсипҳои зеринро*** ба роҳбарӣ мегирад:

***Мустақил будан дар ҳифзи ҳуқуқҳо ва  беҳтарин манфиатҳои кӯдак.*** ВҲК мустақилона салоҳиятҳои худро оид ба ҳифз ва пешбурди ҳуқуқҳои кӯдак амалӣ мекунад; ҳангоми қабули қарорҳо вобаста ба кӯдакон диққати аввалиндараҷаро ба таъмини беҳтарини манфиатҳои кӯдак, нигоҳдории саломатии ҷисмонӣ ва таъмини рушди равонӣ, ақлонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кӯдак равона месозад; дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоатҳо) ва шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда нест.

***Дастрас будан барои кӯдакон.*** ВҲК ба такмили сифатҳои касбӣ дар хизматрасонӣ барои кӯдакон ва ҳалли масъалаҳои онҳо талош мекунад, ки дар расмиёт ва инфрасохтори ӯ инъикос меёбад. Макони ҷойгиршавии мувофиқ ва бехатар, тартиби қабули барои ташрифоварандагон мувофиқ, кормандони касбии барои кор бо кӯдакон таълимдодашуда, набудани маҳдудиятҳои забонӣ, нажодӣ, миллӣ ва ташкили шароити кории муносиб Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдакро ба ниҳоди давлатии барои ҳар як кӯдак дастрас табдил медиҳад.

***Шаффофият.*** ВҲК шикоятҳоро баррасӣ мекунад, тавсияҳо медиҳад ва ҳар гуна фаъолияти дигарро бар асоси адолат, воқеъбинӣ ва беғаразӣ анҷом медиҳад. Ҳамаи шикоятҳои инфиродӣ ба таври махфӣ бо риояи принсипи таъмини беҳтарини манфиати кӯдакон баррасӣ мешаванд.

ВҲК ба ҷомеа дар бораи фаъолияти худ ва вазъи ҳуқуқи кӯдак тавассути нашри маърӯзаҳо ва ҳисоботҳо, мақолаҳо ва буклетҳои иттилоотӣ, китобҳо ва баромадҳо дар ВАО, конфронсҳо ва семинарҳо маълумот медиҳад.

***Баробарӣ ва манъи табъиз***. ВҲК ҳангоми амалисозии фаъолияти худ нисбат ба ҳамаи одамон бо эҳтиром ва одилона рафтор мекунад, то ки ба ҳар гуна табъиз бинобар сабаби аломати ҷинс, забон, синну сол, қобилиятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ, мақоми иҷтимоӣ, миллат, қавм, ақидаҳои динӣ ва асосҳои дигар роҳ дода нашавад.

Чунин муносибат ҳамчунон ба ташкили муҳити солими корӣ дар байни кормандони муассиса мусоидат менамояд ва он дар навбати худ ба ҷолибу кушода будан ва шаффофият мусоидат менамояд.

## <u>Сохтор ва ҳайати кормандон</u>

Дар робита бо таъсиси вазифаи ВҲК тибқи Фармони Президенти ҶТ аз 15 сентябри соли 2016, №756 “Дар бораи ворид кардани тағйирот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2009, №673” барои

Дастгоҳи ВҲИ чор воҳиди кории иловагӣ ҷудо карда шуда, тариқи озмун ба кор қабул карда шуданд.

Фаъолияти бевосита дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз ҷониби Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки Дастгоҳи ВҲИ амалӣ мешавад, ки дар сохтори Дастгоҳи ВҲИ моҳи июли соли 2012 таъсис дода шуда буд. Айни ҳол шумораи кормандони шуъба аз 4 нафар хизматчиёни давлатӣ иборат аст. Кормандони шуъба бо воситаҳои зарурии техникӣ таъмин шудаанд.

Дар сомонаи ВҲИ саҳифаи алоҳида оид ба ҳуқуқҳои кӯдак вуҷуд дорад. Ташкили сомонаи алоҳидаи ВҲК ба нақша гирифта шудааст.

ВҲК ва Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак дар шаҳри Душанбе қарор доранд ва фаъолияти худро дар тамоми қаламрави ҶТ мустақиман амалӣ мекунанд. Намояндагиҳои ВҲИ дар маркази вилоятҳои Хатлон, Суғд, ВМКБ ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар шаҳрҳои Исфара, Турсунзода, Кӯлоб, Роғун ва ноҳияҳои Қабодиён ва Рашт ба амалисозии салоҳиятҳои ВҲК дар маҳалҳои зикршуда мусоидат мекунанд.

ВҲК зимни амалисозии фаъолияти худ бо мақомоти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ мекунад.

ВҲК фаъолияти худро дар чорчӯби буҷети ВҲИ амалӣ менамояд.

## БОБИ II. ШАРҲИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИ КӮДАКОНИ МАЪЮБ БА ТАҲСИЛИ БОСИФАТ ДАР МУҲИТИ ФАРОГИР (ИНКЛЮЗИВӢ)

Таҳсил яке аз ҳуқуқҳои инсон ва ҳамзамон воситаи зарурӣ барои амалисозии дигар ҳуқуқҳои инсон мебошад. Ҳуқуқ ба таҳсил ҳуқуқи бунёдии инсон ба ҳисоб рафта, дар бештари санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дарҷ шудааст. Аз ҷумла, моддаи 26 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар менамояд, ки ҳуқуқ ба таҳсилоти ройгони ибтидоӣ ва умумӣ бояд ба рушди комили шахсияти инсон ва афзоиши эҳтиром ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ равона карда шавад; таҳсилоти ибтидоӣ бояд ҳатмӣ, таҳсилоти техникӣ ва касбӣ дастрас ва таҳсилоти олӣ мувофиқи қобилияти ҳар кас ба ҳама бояд дастрас бошанд. Ҳуқуқ ба таҳсил дар ПБҲИИФ, КҲК ва КҲМ ба таври муфассалтар инъикос ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият аксарияти кулли санадҳои умумии байналмилалии СММ-ро оид ба ҳуқуқи инсон ба

тасвиб расонидааст, ки КҲК[2] (1993) ва аз се ду протоколи факултативии он[3] аз ҷумлаи санадҳои аввалин мебошанд. Протоколи аввали факултативӣ ба КҲК вобаста ба иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона ва Протоколи дуюми факултативӣ ба КҲК вобаста ба хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон[4] (2002) мебошад. Тоҷикистон ҳамчунин узви ПБҲИИФ (1999) мебошад. Соли 2016 Тоҷикистон аз даври дуюми ШУД гузашт, ки дар натиҷаи он кишвар тавсияҳоро ҷиҳати ба тасвиб расонидани КҲМ қабул кардааст[5].

Шахсони дорои маъюбият ба таҳсил бидуни табъиз ва бар асоси баробарии имкониятҳо ҳуқуқ доранд. Дар ҳамаи чунин санадҳо, ба монанди КҲК (соли 1989), Эъломияи умумиҷаҳонӣ оид ба таҳсилот барои ҳама (соли 1990), Қоидаҳои стандартии таъмини имкониятҳои баробар барои маъюбон (соли 1993), Эъломияи Саломон ва чорчӯбаи амал (соли 1994) меъёрҳое пешбинӣ шудаанд, ки аз огоҳии афзоишёбанда дар бораи ҳуқуқи маъюбон ба таҳсил ва тақвияти дарки он шаҳодат медиҳанд.

Эътирофи  фарогир будани таҳсил ҳамчун асос барои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил дар солҳои охир густариш ёфта, дар КҲМ инъикос ёфтааст, ки дар он консепсияи таҳсилоти босифати фарогир зикр шудааст. Ҳадафи 4 дар соҳаи рушди босубот ҳамчунин тасдиқи арзишҳои таҳсили босифати ҳамаро фарогиранда ва одилона мебошад.

Соҳаи маориф дар сиёсати давлатии ҶТ ҳамчун самти афзалиятнок эътироф шудааст ва Ҳукумати кишвар барои таъмини дастрасӣ ба таҳсил барои ҳама тадбирҳо меандешад.

Қонунгузории ҶТ ҳуқуқҳои зеринро кафолат медиҳад:

- ҳуқуқ ба таҳсил новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ, вазъияти иҷтимоӣ ва молумулкӣ;
- таҳсили ҳатмии умумии асосии ройгон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ҳамчунин дар доираи фармоишҳои давлатӣ дар асоси озмун ройгон гирифтани таҳсилот дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот;

---

[2] Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро дар санаи 26 октябри соли 1993 ба тасвиб расонидааст, ки он дар санаи 25 нобри соли 1993 ҳукми қонунӣ пайдо намудааст.

[3] Соли 2016 Тоҷикистон аз силсилаи дуюми Шарҳи умумии даврӣ гузаштааст, ки дар натиҷаи он кишвар тавсияҳоро дар бораи ба тасвиб расонидани протоколи факултативӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак дар мавриди тартиботи баррасии паёмҳо қабул накарда буд.

[4] Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар ду протоколи факултативиро ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак санаи 5 августи соли 2002 ба тасвиб расонидааст, ки онҳо санаи 5 сентябри соли 2002 ҳукми қонунӣ пайдо кардаанд.

[5] Ниг. ба Мулоҳизаҳо дар бораи хулосаҳо ва/ё тавсияҳо, уҳдадориҳои ихтиёрӣ ва посуххое, ки аз тарафи кишвар пешниҳод шудаанд – объекти шарҳ. Тоҷикистон. A/HRC/33/11/Add.1. 7 сентябри соли 2016.

- ҳуқуқ ба интихоби муассисаи таълимӣ ва шакли таҳсил;
- таъмин ва хароҷоти таҳсил ва тарбияи кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор, кӯдакони маъюб ва дигар шахсон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ;
- таҳсили ройгон дар хона ё дар муассисаҳои тиббӣ барои шаҳрвандоне, ки бо сабаби бемории муддати тӯлонӣ наметавонанд ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ раванд.

Моддаи 45 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” муайян мекунад: “Кӯдаки маъюб **ба ҳаёти мукаммал дар шароите, ки шаъну эътибори ӯро таъмин намуда, барои фаъолона шомил шудан ба ҳаёти ҷамъиятӣ ба ӯ мусоидат мекунад, бо кӯдакони солим ҳуқуқи баробар дорад**... Бо мақсади ба кӯдаки маъюб таъмин намудани ҳаёти мукаммал ва мувофиқ ба шароите, ки мустақилияти пурра ва ҳамгироии иҷтимоиро таъмин мекунад, ӯ вобаста ба қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии худ ҳуқуқ дорад аз нигоҳубин, таҳсил ва тайёрии махсус бархурдор бошад... **Табъизи кӯдак бинобар маъюб буданаш манъ аст**”.

Соли 2011 бо мақсади таъмини дастрасии кӯдакони маъюб ба таҳсил “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” тасдиқ шудааст. Ба Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" моддаҳои нав ворид карда шуда, бо қарори Коллегияи ВМИ “Низомнома оид ба тартиби таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд” қабул шудааст.

Ҳамин тавр, Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" ҳуқуқи кӯдакони маъюбро муайян мекунад, ки бо ризоияти падару модар метавонанд якҷоя бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намоянд ё барои онҳо машғулиятҳои инфиродӣ ташкил карда мешаванд (моддаи 22).

***Стратегияи миллии рушди маориф (2016-2020)*** ворид намудани низоми таҳсилоти фарогирро (инклюзивиро) ба низоми маорифи ҷумҳурӣ бо роҳҳои зерин муайян менамояд:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок оид ба **таъмини дастрасии таҳсилот ба кӯдакони маъюб, аз ҷумла дар мактабҳои таҳсилоти умумии маҳалли истиқомат** дар сатҳи вилоятҳо, шаҳрҳои калон ва ноҳияҳо**;**
- мониторинги **татбиқи Низомнома оид ба амалисозии таҷрибаи таҳсилоти фарогир дар мактабҳо;**
- таъсис додани **Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба татбиқи барномаҳои таълимии дорои сатҳҳо ва самтҳои мухталиф нисбат ба кӯдакони дорои талаботҳои махсус ба таҳсил.**

Ҳамчунин, дар Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020 дар бораи “гузариши тадриҷии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба сохтори таҳсилоти умумӣ ва анҷоми тадбирҳои дахлдор барои рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар ҷумҳурӣ” зикр шудааст. Айни ҳол “Кодекс дар бораи маориф” мавриди таҳия қарор дорад, ки дар он як боб дар бораи рушди таҳсилоти фарогир дар кишвар пешбинӣ шудааст[6].

Дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 тадбирҳо оид ба рушди низоми маориф, аз ҷумла таъмини баробарӣ ва дастрасии таҳсилот пешбинӣ шудаанд. Стратегия рушди низоми дастгирии таҳсилоти фарогир, аз ҷумла дар самти бунёди инфрасохтори бидуни монеа, ташкили маводи дахлдори таълимӣ ва низоми омодасозии кадрҳоро ҳамчун самти асосии амалҳо дар ин соҳа муайян мекунад.

Бо мақсади ҷалби кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ба мактаб қарори ҲҶТ аз 2 майи соли 2007 “Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои кабизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои миёна таҳсил менамоянд” тасдиқ ва мавриди амал қарор дорад. Тибқи санади ҳуқуқии мазкур ҳангоми таъйини кӯмакпулӣ оилаҳои нопурра ва ҳамчунин оилаҳои дорои кӯдакони маъюб афзалият доранд.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи ҲҶТ ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак “Дар соли 2017 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 6139 кӯдаки (аз ҷумла 2502 духтар) маъюб ҷалб шудаанд. Дар муассисаҳои таҳсилотии махсуси навъи интернат 2219 кӯдак ҷалб шуда, 1040 нафар (аз онҳо 435 духтарон) кӯдакони маъюб дар хона таҳсил мекунанд. Дар 13 муассисаи махсуси ҷумҳурӣ барои *“нобиноён, ношунавоён, дорои шунавоии суст, нуқсонҳои такяю ҳаракат, ноқисулақл, аз оилаҳои носолим, кӯдакони ятим” 3463* кӯдак (аз онҳо 847 духтар) ба таҳсил фаро гирифта шуда, мавриди тавонбахшӣ қарор доранд[7].

Дар кишвар марказҳои тавонбахшӣ барои кӯдакони маъюб амал мекунанд, ки дар онҳо ба кӯдакони дорои шаклҳои мухталифи маъюбӣ ва ба волидайни онҳо хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ пешниҳод карда мешаванд. Механизми харидории хизматрасониҳо аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ оид ба

[6] Ниг. ба банди 25 Ҷавобҳои хаттии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати саволҳо ба гузориши давравии сеюм-панҷум оид ба рафти иҷрои Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак. CRC/C/TJK/Q/3-5/Add.1

[7] Ниг. ба банди 6 Ҷавобҳои хаттии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати саволҳо ба гузориши давравии сеюм-панҷум оид ба рафти иҷрои Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак. CRC/C/TJK/Q/3-5/Add.1

пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар заминаи марказҳои рӯзона барои кӯдакони маъюб ҳамчун алтернативаи муассисаҳои статсионарӣ амалӣ шуда истодааст. Ҳамин тавр, 24 маркази рӯзона аз нимсолаи аввали соли 2017 аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешаванд, ки дар онҳо 1347 кӯдаки маъюб мавриди хизматрасонӣ қарор доранд[8].

Дар соли 2014 Меъёрҳо ва қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 31-01-2012) "Дастрасии биноҳо ва иншоот барои гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ"[9] қабул шудаанд, ки дар онҳо беҳтар намудани дастрасии ҷисмонӣ барои кӯдакони маъюб дар биноҳои истифодаи умум, аз ҷумла ҷойҳои истироҳат ва мактаб пешбинӣ шудааст. Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илм риояи стандартҳои нигоҳубини пешниҳодшаванда ва ҳуқуқҳои кӯдаконро дар чунин муассисаҳо назорат мекунад.

Бар асоси Амри Президенти ҶТ аз 7 июни соли 2017 Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти ШУД (давраи дуюм) барои солҳои 2017-2020 тасдиқ шудааст, ки он ба имзо расонидани КҲМ-ро дар соли 2017 пешбинӣ менамояд. Нақшаи миллӣ ҳамчунин андешидани як қатор тадбирҳоро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ва омодагии касбии омӯзгоронро пешбинӣ менамояд[10].

Ҳамзамон, баъзе аз мушкилоти вобаста ба амалисозии ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсил вуҷуд доранд.

Мафҳуми "маъюбӣ" ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест ва қонунгузории кишвар ҳоло ҳам аз модели тиббии маъюбӣ истифода мекунад.

Ба масъалаҳои дастрасии кӯдакони маъюб ба таҳсилоти босифат муносибати мунтазам вуҷуд надорад. Давлат захираҳои кофиро барои рушди таҳсилоти фарогир ҷудо намекунад. Ҳамоҳангии нокифояи байни идораҳо оид ба масъалаҳои таҳсили кӯдакони маъюб мушоҳида мешавад. Нокифоя будани маълумоти ҷузъӣ ва таҳқиқоти зарурӣ барои таъмини ҳисоботдиҳӣ ва таҳияи

---

[8] Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[9] Ниг. ба банди 245 Гузориши давравии сеюм-панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак. CRC/C/TJK/3-5. 28 сентября 2016

[10] Ниг. ба банди 27 Нақша, саҳ. 11

барномаҳо ҷиҳати таҳияи стратегияҳо ва чорабиниҳои муассир барои пешбурди таҳсилоти фарогир ва босифат монеа эҷод мекунад[11].

Қонун "Дар бораи маориф" имконияти таҳсили кӯдакони маъюбро дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ менамояд, аммо нишон дода нашудааст, ки мактаб бояд барои фарогирии чунин кӯдакон чӣ корҳоро анҷом диҳад.

Огоҳии нокифоя дар бораи афзалиятҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) боиси эҷоди тарс ва тасаввуроти қолабии намояндагони мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ мешавад, ки фарогир (инклюзивӣ) будани таҳсилот ба паст шудани сифати таълим оварда мерасонад ё ба шахсони дигар таъсири манфӣ мерасонад. Сатҳи баланди тамғазании падару модарон, омӯзгорон ва ҳамсолон нисбат ба кӯдакони маъюб мушоҳида карда мешавад.

Ҳоло ҳам институтсионализатсияи шахсони маъюб вуҷуд дорад. Инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони маъюб мувофиқ нест (пандусҳо вуҷуд надоранд, андозаи дарҳо мувофиқ нест). Синфҳои захиравӣ боз шудаанд, аммо шумораи онҳо кофӣ нест. Нарасидани мутахассисони омӯзонидашуда барои кор дар синфҳои мазкур низ як мушкилӣ мебошад. Барномаҳо оид ба омодагии касбии омӯзгорон вуҷуд надоранд[12].

Ҳангоми баррасии равандҳои иҷрои уҳдадориҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон мақомоти СММ низ ба масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Кумитаҳои СММ дар самти ҳуқуқи инсон ба Тоҷикистон тавсияҳои зеринро медиҳанд:

- рушд додани таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони маъюб, аз ҷумла ҷудо намудани захираҳо ҷиҳати таъмини воситаҳои дахлдор ва таҳсилоти иловагии касбӣ барои омӯзгорон;
- андешидани чораҳо барои паст кардани сатҳи институтсионализатсияи кӯдакони маъюб ва расонидани кӯмак ба оилаҳои дорои кӯдакони маъюб бо роҳи пешниҳод намудани нигоҳубини муносиб ба онҳо, аз ҷумла тавассути такмили маҳорати волидайни онҳо ва таъмини онҳо

[11] Тибқи маълумоти бадастомада дар рафти машваратҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, 19 майи соли 2017

[12] Ҳамон ҷо.

бо маблағҳои молиявии кофӣ ва кӯмаки зарурӣ бо мақсади паст кардани сатҳи институтсионализатсияи кӯдакони маъюб;

- фаъол намудани кӯшишҳо ҷиҳати гузаронидани корҳои иттилоотию тарғиботӣ оид ба ниёзҳои кӯдакони маъюб ва пешбурди ҳамгироии онҳо ба низоми маориф ва ҳаёти ҷомеа;
- беҳтар гардонидани дастрасии ҷисмонии кӯдакони маъюб ба биноҳои барои истифодаи умум пешбинишуда, аз ҷумла ҷойҳои истироҳат ва мактаб;
- беҳтар гардонидани шароити нигоҳдорӣ дар интернатҳо барои кӯдакони маъюб ва муайян намудани механизмҳои назорати мустақил аз болои риояи стандартҳои нигоҳубин ва ҳуқуқҳои кӯдакон дар муассисаҳои мазкур ва ҳамчунин ташкили низоми омодагии касбӣ барои мутахассисон дар соҳаи таҳсилоти махсус;
- омӯзиши имконияти ба тасвиб расонидани КҲМ ва Протоколи факултативӣ ба он.

## БОБИ III. ИНТИХОБИ АФЗАЛИЯТҲОИ СТРАТЕГӢ

ВҲК дорои салоҳияти васеъ бо вазифаҳои асосӣ мебошад, ки ҳамаи масъалаҳои марбут ба мониторинг ва пешбурди ҳуқуқи кӯдакро фаро мегиранд.

ВҲК ба назорати амалисозии тавсияҳои сохторҳои СММ оид ба пешбурд, ташвиқ ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

ВҲК назареро дастгирӣ менамояд, ки низоми маориф бояд ба талаботҳои инфиродии кӯдак равона карда шуда бошад ва ҳар кӯдак бояд ба таҳсилоти босифат бидуни ҳар гуна табъиз дастрасӣ дошта бошад.

Барои расидан ба ҳадафи дастрасии ҳамаи хонандагон ба таҳсилоти босифат, аз ҷумла хонандагони маъюбиятдошта таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) аҳамияти зиёд дорад. Танҳо таҳсилоти фарогир метавонад ҳам таҳсилоти босифат ва ҳам сотсиализатсияи шахсони маъюбро таъмин намояд ва ҳангоми амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил умумӣ будан ва манъи табъизро кафолат диҳад[13].

---

[13] Ниг. ба A/HRC/25/29 and Corr.1, бандҳои 3 ва 68.

Бо дарназардошти он ки ***таҳсилоти фарогир*** ба таҳсилот барои ***ҳамаи кӯдакони гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа*** дахл дорад, ВҲК **ҳуқуқи кӯдакони маъюбро ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир (инклюзивӣ)** ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти худ барои солҳои 2018-2020 муайян менамояд.

Интихоби мавзӯи мазкур ба он алоқаманд аст, ки кӯдакони маъюб яке аз гурӯҳҳои бештар осебпазир дар низоми маориф мебошанд.

Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) яке аз ҳуқуқҳои асосии ҳамаи хонандагон мебошад, ки дар он некӯаҳволии ҳамаи хонандагон қадр карда шуда, шаъну эътибори ба онҳо хос ва мустақилияти онҳо эҳтиром ва ниёзҳои хонандагони ҷудогона ва тавоноии онҳо ҷиҳати ба таври муассир дохил шудан ба ҳаёти ҷомеа ва дар он саҳми худро гузоштан эътироф карда мешаванд. Таҳсилоти фарогир воситаи амалисозии ҳуқуқҳои дигари инсон мебошад. Он воситаи асосиест, ки бо кӯмаки он шахсони маъюб камбизоатиро аз байн мебаранд, имконияти иштироки баробарро дар ҳаёти ҷомеаҳои худ ба даст меоранд ва ҳимояро бар зидди истисмор дарёфт мекунанд[14].

Айни ҳол, амалисозии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) масъалаи муҳим мебошад. Як қатор ташаббусҳои бомуваффақияти мақомоти давлатӣ вуҷуд доранд, ки ба пешбурди ҳуқуқи кӯдакони маъюб равона карда шудаанд, аммо онҳо парокандаанд ва лозим аст, ки кӯшишҳои мазкур ҳамоҳанг карда шуда, бо дарназардошти ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор гиранд. Ин масъалаи душвор низ мебошад, ки ба сиёсат дар соҳаи тандурустӣ ва таъмини иҷтимоӣ, фаъолияти низоми маориф, табъиз ва дигар масъалаҳо дахл дорад. Ҳангоми амалисозии фаъолият дар самти мазкур ба назар гирифтани уҳдадориҳои байналмилалии давлат оид ба КҲК, дигар санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ҳамчунин тавсияҳои сохторҳои СММ ба Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак зарур мебошад.

## БОБИ IV. ҲАДАФҲО ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГӢ

## 2.1. ҲАДАФҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК БАРОИ СОЛҲОИ 2018-2020

[14] Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, мулоҳизаи тартиби умумӣ №13 (1999) оид ба ҳуқуқ ба таҳсил.

**Ҳадафи** асосии фаъолияти ВҲК барои солҳои 2018-2020 – ***мусоидат ба пешниҳоди ҳамаҷонибаи хизматрасониҳо ва ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ мебошад, то ки кӯдакони маъюб ҳуқуқи худро ба таҳсили босифат бидуни ҳар гуна табъиз дар муҳити фарогир (инклюзивӣ) амалӣ намоянд.***

Ҳангоми амалисозии ин ҳадаф ВҲК ба принсипҳои асосии КҲК, ПБҲИИФ, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон ва ҳамчунин меъёрҳои қонунгузории миллӣ оид ба ҳуқуқ ба таҳсил ва ҳуқуқҳои шахсони маъюб такя менамояд.

Ҳангоми амалисозии Стратегия ВҲК ба масъалаҳои риояи ҳуқуқи духтарони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Амалисозии ҳадафи мазкур аз ҷониби ВҲК тавассути истифода аз вазифаҳои асосӣ анҷом дода мешавад, ки дар Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла таҳлил ва пешбурди қонунгузорӣ ва сиёсат, мониторинг ва омода намудани маърӯзаҳои солона, қабул ва баррасии шикоятҳо ва ҳамчунин баргузор намудани чорабиниҳои иттилоотию тарғиботӣ.

**Ҳадафи амалиётии 1. Мусоидат ба татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир (инклюзивӣ) дар қонунгузории миллии ҶТ.**

**Вазифаҳо:**

1.1. Таҳлили қонунгузории ҶТ, аз ҷумла лоиҳаи Кодекс дар бораи маориф вобаста ба мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ.

1.2. Таҳлили амалисозии “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд барои солҳои 2011-2015”.

1.3. Пешбурди татбиқи тавсияҳои ВҲК дар қонунгузории миллии ҶТ.

**Ҳадафи амалиётии 2. Пешбурди ба тасвиб расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон**

**Вазифа:**

2.1. Мусоидат ҷиҳати батасвибрасонии КҲМ.

**Ҳадафи амалиётии 3. Пешбурди такмили механизмҳои ҳисоботдиҳӣ, муносибати ҳамоҳангшуда ва ҳамаҷониба ба амалисозии ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсилот дар муҳити фарогир**

**Вазифаҳо:**

3.1. Таҳлили сиёсати мавҷуда, механизмҳои ҳисоботдиҳӣ ва муносибати байниидоравӣ ба таҳсили кӯдакони маъюб дар муҳити фарогир.

3.2. Пешбурди тавсияҳои ВҲК барои андешидани тадбирҳои мушаххаси сиёсат ва таҳияи механизмҳои ҳисоботдиҳӣ, муносибати ҳамоҳангшуда ва ҳамаҷониба ба амалисозии ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсил дар муҳити фарогир.

**Ҳадафи амалиётии 4.** Мониторинги риояи ҳуқуқи кӯдакони маъюб дар низоми маориф ва ҳамчунин тавсияҳои сохторҳои СММ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир

**Вазифаҳо**

4.1. Мониторинги риояи ҳуқуқи кӯдак дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои махсус.

4.2. Қабул, баррасӣ ва гузаронидани санҷиши мурочиатҳои шаҳрвандон оид ба масъалаҳои дастрасӣ ба таҳсили кӯдакони маъюб, аз ҷумла ҳолатҳои табъиз.

4.3. Мониторинги амалисозии тавсияҳои сохторҳои СММ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир.

**Ҳадафи амалиётии 5.** Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсил дар муҳити фарогир

**Вазифаҳо**

5.1. Таҳияи маводҳои иттилоотӣ дар бораи фаъолияти ВҲК ва оид ба ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсил дар муҳити фарогир

5.2. Баргузор намудани чорабиниҳои иттилоотӣ бо намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ

5.3. Баргузор намудани чорабиниҳои иттилоотӣ дар воситаҳои ахбори омма

5.4. Баргузор намудани машваратҳои мунтазам бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ

5.5. Баргузор намудани чорабиниҳои иттилоотӣ бо кӯдакон, падару модарон.

## 2.2. НАТИҶАҲОИ ПЕШБИНИГАРДИДА

Натиҷаи 1. Қонунгузории миллӣ ҳуқуқи кӯдакони маъюбро ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир (инклюзивӣ) дар бар мегирад.

Натиҷаи 2. Тадбирҳои мушаххаси сиёсат қабул карда шуда, механизмҳои ҳисоботдиҳӣ, муносибати ҳамоҳангшуда ва ҳамаҷониба барои амалисозии ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсил дар муҳити фарогир таҳия шудаанд.

Натиҷаи 3. Ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб дар низоми маориф риоя мешаванд.

Натиҷаи 4. Намояндагони мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, волидайни кӯдакони маъюб ва кӯдакон ҳуқуқҳои кӯдакони маъюбро дар равандҳои таълимӣ, ки ба ҳуқуқи инсон асос ёфтаанд, медонанд ва риоя мекунанд.

## 2.3. АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

Стратегия дар ҳамкории зич бо дигар шуъбаҳои Дастгоҳи ВҲИ, намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар маҳалҳо ва ҳамчунин мақомоти давлатӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад.

***Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди ҲҶТ***[15] мақоми доимамалкунандаи байниидоравӣ мебошад ва фаъолияти мақомоти манфиатдорро оид ба иҷрои қонунгузорӣ ва сиёсат дар соҳаи пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ҳамоҳанг месозад. ВҲК ҳуқуқ дорад дар ҷаласаҳои Комиссия бо ҳуқуқи машваратии овоз иштирок намояд. Салоҳияти мазкур ба ВҲК имконият медиҳад, ки тавсияҳои худро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва сиёсат оид ба ҳуқуқи кӯдак дар маҷмӯъ ва ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир пешниҳод намояд.

***ВМИ***[16] мақоми асосии ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва ҳамчунин мақоми масъули давлатӣ барои амалисозии қонунгузорӣ оид ба таҳсилот мебошад. ВҲК амалисозии сиёсатро аз ҷониби вазорат дар соҳаи таҳсилоти фарогир ва ҳамчунин муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва махсусро мониторинг мекунад; тавсияҳои асосиро барои иҷрои сиёсат оид ба риояи ҳуқуқи кӯдак, аз ҷумла ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир таҳия ва пешниҳод менамояд.

---

[15] Низомнома дар бораи Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, № 29 тасдиқ шудааст

[16] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 августи соли 2016, №348 «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак»

***ВТҲИА*** мақоми масъули давлатӣ барои амалисозии санадҳои стратегӣ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб, аз ҷумла “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” мебошад. ВҲК мониторинги қонунгузорӣ ва сиёсатро нисбат ба ҳуқуқи кӯдакони маъюб, аз ҷумла мониторинги риояи ҳуқуқи кӯдакони маъюбро дар муассисаҳои махсуси низоми тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ анҷом медиҳад.

***Дигар вазоратҳо ва идораҳо.*** ВҲК ҳамчунин мониторинги қонунгузорӣ ва сиёсати ба таъмини ҳуқуқи кӯдакон маъюб дахлдорро анҷом медиҳад. Он сиёсати аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони ҶТ, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ ва дигар мақомоти давлатӣ анҷомдодашавандаро дар бар мегирад.

***Кӯдакон ва волидайн.*** ВҲК мониторинги риояи ҳуқуқи кӯдакони маъюбро ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир (инклюзивӣ) ва фаъолияти тарғиботиро оид ба ҳуқуқи кӯдак амалӣ менамояд. Кӯдакон ва волидайни онҳо метавонанд оид ба вайрон шудани ҳуқуқи кӯдак шикоят намоянд ва дар соҳаи пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдак маслиҳатҳо гиранд. ВҲК аз платформаҳои вуҷуддошта барои баррасии масъалаҳои нисбатан муҳими ҳуқуқи кӯдак бо кӯдакон ва ҷавонон истифода хоҳад кард.

***Сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ*** дар дастгирии рушди таҳсилоти фарогир дар сатҳи ҷомеаи маҳаллӣ ва мусоидат ба ташкили муҳити эҳтиром ва эътирофи кӯдакони маъюб нақши муҳим мебозанд. Бо дарназардошти захираҳои маҳдуд ВҲК бо ҷомеаи шаҳрвандӣ робитаи зич хоҳад дошт ва дар ҳамкорӣ бо онҳо, аз ҷумла ҳангоми гузаронидани мониторингҳо ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ такя мекунад.

Барои ҳамоҳангсозии фаъолият бо мақомоти давлатӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ машваратҳои васеъ бо намояндагони мақомоти манфиатдори давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар самти дастрасии кӯдакони маъюб ба таҳсилот фаъолият мекунанд, баргузор хоҳанд шуд. Имконияти таъсис додани Шӯрои машваратии коршиносон дар назди ВҲК ҷиҳати баргузор намудани нишастҳои мунтазам барои баррасии пешрафт дар амалисозии ҳадафҳо ва вазифаҳои Стратегия, баррасии имконияти анҷоми ташаббусҳои муштарак мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

ВҲК аҳамияти иштироки кӯдакон ва ҷавононро дар равандҳои қабули қарорҳо эътироф намуда, имконияти ташкили механизми машваратҳои мустақимро бо кӯдакон ва ҷавонон мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

## 2.4. МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲӢ

Мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии амалисозии Стратегия аз ҷониби ВҲК ва Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак дар тамоми давраи амалисозии он анҷом дода мешавад.

Мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии амалисозии Стратегия ҳар сол бо омодасозии баъдии ҳисобот оид ба натиҷаҳои мониторинг анҷом дода мешавад. Иттилоот оид ба натиҷаҳои мониторинг ба ҳисоботи солонаи ВҲК дохил карда мешавад.

Мониторинг ва баҳодиҳӣ ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти аввалия ва дуюмдараҷаи ҳам микдорӣ ва ҳам сифатиро бар асоси нишондиҳандаҳои дар нақшаи корӣ нишондодашуда дар бар мегирад. Бо намояндагони мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалии дар амалисозии Стратегия ҷалбшуда машваратҳо анҷом дода мешаванд. Чунин тартиби кор имконият медиҳад, ки натиҷаҳо қайд ва таҳлил карда шуда, қарорҳои саривақтӣ оид ба чолишҳои эҳтимолӣ ё мушкилиҳои ногаҳонӣ қабул карда шаванд.

Баҳодиҳиҳои солона бо мақсади баҳодиҳии натиҷаҳо, таҳлили пешрафт аз рӯи ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда, муайян намудани душвориҳо, таҳияи тадбирҳои муассир барои ҳалли душвориҳои ошкоршуда ва таъмини амалисозии бомуваффақияти Стратегия анҷом дода мешаванд.

Бо анҷомёбии муҳлати амалисозии Стратегия мониторинги ҳамаҷонибаи самаранокии амалисозии он гузаронида мешавад. Барои ҳадафҳои мазкур коршиносон ҷиҳати таъмини мониторинги мустақил ва беғараз ҷалб карда мешаванд. Натиҷаҳои мониторинг ҳангоми таҳияи стратегияи нави ВҲК барои солҳои баъдӣ ба назар гирифта мешаванд.

## 2.5. НАҚШАИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ БАРОИ СОЛҲОИ 2018-2020 (замима ба Стратегия)

Нақшаи амалисозии Стратегия тавсифи муфассали чорабиниҳо дар чорчӯби ҳадафҳо ва вазифаҳои пешбинишуда, муҳлатҳои амалисозӣ ва захираҳо мебошад, ки барои амалисозии чорабиниҳои пешбинишуда лозиманд. Нақшаи корӣ барои соли 2018 муфассал ва барои солҳои 2019-2020 бештар умумӣ мебошад. Чунин коркард имконият медиҳад, ки раванди амалисозии

Стратегия баҳодиҳӣ карда шуда, тағйирот ва иловаҳои дахлдор ба нақшаи корӣ сари вақт ворид карда шаванд. Боби “захираҳо” нишон медиҳад, ки гузаронидани кадом чорабиниҳо аз ҳисоби захираҳои Дастгоҳи ВҲИ имконпазиранд ва барои кадом чорабиниҳо ҷалби маблағҳои иловагӣ лозим мебошанд.